«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
академик Имомзода М.С.
_________________________
«__07__» ______12________2019 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Давлатов Сорбон Назримадович аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи идоракунии захирахои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Давлатов Сорбон Назримадович соли 2014 ихтисоси иқтисодиёти меҳнати факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 13.06.2015 бо баҳои 4 «хуб» ва аз фанни забони хориҷӣ дар таърихи 29.10.2015 бо баҳои 4 «хуб» супоридааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии захирахои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаниев Таваралӣ Бобоевич мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба муаммоҳои фаъоли муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

2. **Иштироки шахсии аспирант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии аспирант ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди

назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидаааст.

3. **Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Дар кори илмӣ вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда методҳои зерини таҳқиқ истифода бурда шудаанд: иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, таҳлили оморӣ, мушоҳидоти шахсии муаллиф ва ғайраҳо.

Ба сифати заминаи иттилоотӣ таҳқиқоти монографӣ, коркардҳои олимони Тоҷикистон ва хориҷа, натиҷаҳои корҳои марказҳои пешқадами дунё, маводи конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, маълумоти воқеию омории гирдовардаи муаллиф, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд. Ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумоти омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи вазорату хадамотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тавсияҳои муассисоти илмии мамлакат ва маводи меъёрӣ-маълумотӣ оид ба роҳҳои хубинкишофдиҳии сармояи инсонӣ баҳри заминаҳои таъмини рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шуданд.

**Навигариҳои илмии таҳқиқот.** Навгониҳо ва дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст ва онҳоро баҳри ҳимояи ошкоро пешниҳод кардааст, аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- оид ба мафҳум ва консепсияи «Сармояи инсонӣ» таҳлили васеъи илмӣ карда шуда, моҳият ва аҳамияти иқтисодии он мувофиқ ба дарк ва фаҳмиши муаллиф шарҳ дода шудааст;

- ҳангоми гузаронидани омӯзишҳои зиёди илмӣ нақш ва аҳаммиятнокии идоракунии захираҳои инсонӣ нисбат ба дигар захираҳо муайян карда шуда, саҳми он дар болоравии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо пуррагӣ нишон дода шуда, муайян карда шуд, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузории ин захираҳо ниёзи калон дорад;

- вазъи ҳозираи таҳсилоти касбӣ дар миқёси ҷумҳурӣ муайян гардида, таҳсилоти бефосилаи касбӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ноил гаштан ба мақсад дониста шуд ва дар оянда аз ин роҳ самаранок истифода намудан пешниҳод карда шуд;

- муқаррар карда шуд, ки даромаднокии аҳолӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ сол аз сол рушд ва инкишоф ёфта истода, барои боз ҳам беҳбуд бахшидан ба сармоягузории захираи инсонӣ моро зарур

аст, маблағҳои заруриро ҷудо карда, мутахассисони ояндаро мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат омода намоем;

- механизми рушди унсурҳои ташкилдиҳандаи сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва пешниҳод карда шудааст, ки ин унсурҳо доиман дар мади назар буда, сармоя-гузориҳо ба ин захираи нодири иқтисодӣ бояд рушд ва такмил дода шавад.

**4. Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Давлатов С.Н. дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқсодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент.

**Навгонӣ ва нигоҳдории диссертатсия ба ихтисоси интихобшуда.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини Паспорти номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи самти ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) иҷро гардида, бо бандҳои:

10.19 - Ҳайати идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии карера ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Усулҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ;

10.20 - Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти касбӣ: мақсад, принсипҳо, таҳаввулоти нигаришҳо. Моҳияти вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилотҳо. Салоҳиятнокии ҳайат ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайат. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайат.

**5.** Нуктаҳои муҳими кори диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза карда шудааст. Бештари мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2015-2019, дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи Осимӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дар дигар институтҳои илмӣ-таҳқиқоти рӯи чоп омадаанд. Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақола чоп гардидааст, ки ин 4,1 ҷ.ч. (3,5 ҷ.ч. аз муаллиф) буда, аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Ҳолатҳои

асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 6 мақолаи илмӣ бо ҳаҷмӣ 2,35 ҷузъи чопӣ, аз чоп баромаданд. Дар ин мақолаҳои илмӣ ақидаҳои илмии муаллиф ва принсипҳои асосии таҳқиқот нишон дода шудаанд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮЪ:

**А) Мақолаҳое, ки дар паёмҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**


1. Давлатов С.Н. Сармояи инсонӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон/С.Н.Давлатов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2015. – №2/6(175). - С 94-97.
2. Давлатов С.Н. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандон/С.Н. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. - № 2/5. -Қ.2. - С.53-58.
3. Давлатов С.Н. Сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушду инкишофи иқтисодиёти муосир/С.Н. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. - № 9. - С.152-157.
4. Давлатов С.Н. Назарияи Сармояи инсонӣ: ташаккулёбӣ ва рушди он дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт/С.Н. Давлатов // Паёми Политехникӣ. Бахши Интеллект, Инноватсия, Инвеститсия. – 2019. - № 1(45). - С.65-71.


**Б) Дар дигар нашрияхо.**


1. Давлатов С.Н. Мақоми нерӯи инсонӣ дар рушди идоракунии шуғли касбӣ/С.Н. Давлатов// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои инкишоф» (15 майи соли 2018).–Душанбе: Дониш, - 2018. – С.98-104.
2. Давлатов С.Н. Муҳоҷират яке аз роҳҳои маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ/С.Н. Давлатов// Маводи конфренсияи IV-уми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ» (ш.Душанбе, 27-28 ноябри соли 2018). –Душанбе, 2018. – С.96-98.
3. Давлатов С.Н. Назарияҳои навини ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт/С.Н. Давлатов// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Равишҳои

стратегии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 5 апрели 2019с.). – Душанбе, 2019. - С. 75-78.

4. Давлатов С.Н. Нақши ҷомеаи шаҳрвандии иттилоотӣ дар рушди нерӯи инсонӣ/С.Н. Давлатов//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Идоракунии рушди захираҳои инсонӣ дар шароити муосир: консепсияҳо, тамоюлҳо ва таҳдидҳо». – Душанбе, 2017. - С. 267-270.

5. Давлатов С.Н. Пешвои-зинаи олии роҳбарӣ дар илми идоракунӣ/С.Н.Давлатов С.Н.//Маводи конфронси илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Танзими давлатии рушди иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон: Тамоюлҳо, мушкилот ва роҳҳои ҳал». –Душанбе, 2015. – С.122-125.

6. Давлатов С.Н. Захираҳои инсонӣ ва рушди онҳо дар замони муосир/С.Н.Давлатов С.Н.//Маводи конфронси илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Амалигардонии консепсияи рушди инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии натиҷаҳои он» (30-юми апрели 2015с). –Душанбе, “Ирфон”. - 2015. – С.255-260.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 25 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 25 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 25 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»- нест, суратҷаласаи №3, аз 03.10.2019с.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кушоди кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи ДМТ аз 03-юми октябри соли 2019, суратмаҷлиси №3 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**д.и.и., профессор, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиб:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Искандаров Ҳ.Ҳ.**

**Тасдиқ мекунам**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«04»____12____ 2019 с.**